Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст омадани соҳибистиқлолӣ, давра ба давра ба раванди таъмини тарзи хаёти солим дар ҷумҳурӣ бо назардошти таҳкими саломатӣ ва пешгирии бемориҳо дар байни аҳолӣ ва барои рушди ҳавасмандгардонии онҳо ба ташаккули тарзи ҳаёти солим чораҳои амалӣ меандешад.

Тарғиби тарзи ҳаёти солим роҳи самарабахши ҳифзи саломатии инсон, саломатии миллат ва беҳбудии натиҷаҳои саломатӣ дониста шуда, дорои аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Унвонҷӯ Шарифзода Наргис Достӣ дар кори таҳқиқотии худ ба яке аз масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳ намуда, оид ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ пажӯҳиш намудааст.

Масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар ҳама давру замон ва дар ҳамаи соҳаҳои илм: педагогика, психология, методикаи таълим ва дигар соҳаҳо таваҷҷуҳи олимони тамоми дунёро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ медиҳад.

Кори илмию таҳқиқотии пешниҳодшуда масоили назариявии психологию педагогӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дорад.

Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва хулосаи он нишон додаст.

Дар муқаддимаи кор муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси кори таҳқиқотиро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби якум - "Асосҳои назариявии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ" масъалаҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар адабиётҳои педагогӣ, психологӣ ва методӣ, мавқеи оила ва муассисаи таълимии томактабӣ дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солими кӯдакон, технологияи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюм "Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ" масъалаҳои ташхиси муайнкунандаи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ, технологияҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ баррасӣ мегардад.

Дар таҳқиқот оид ба хусусиятҳои педагогию психологии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ хулосаҳои амиқу илмӣ бароварда шудаанд. Ин ҷо, вазифа аз фароҳам овардани шароит барои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ иборат мебошад.

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои кори илмию таҳқиқотӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни

томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

Умуман, автореферати диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ" ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология
ва сотсиологияи идоракунии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Б.Ҷ.

Маълумот барои тамос:
734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33
Тел. 904071600; E-mail: simin62@inbox.ru

05.12.2024

Имзои Ғаниева Б.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.